# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

## Шарҳи вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар семоҳаи якуми соли 2023

Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд - Хазина) фаъолияти худро дар семоҳаи якуми соли 2023 бахри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи таъмини пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар идома дод.

***Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.*** Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ раванди афзоиши теъдоди ташкилотҳои қарзии узви Хазина нисбат ба семоҳаи қаблӣ ба қайд гирифта шуд. Ба ҳолати 31 марти соли 2023 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд - Феҳрист) 32 адад ташкилоти қарзӣ шомил мебошад, ки аз он 12 ададро бонкҳо, 19 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва 1 ададро ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ташкил медиҳад.

Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (адад)

| Номгӯи ташкилоти қарзӣ | 31.12.2022 | 31.03.2023 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 12 | 0 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 18 | 19 | +1 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) | 0 | 1 | +1 |
| **Ҳамагӣ** | **30** | **32** | **+2** |

Дар давраи баррасишаванда ду адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ шомил гардид ва як адад ТАҚХ бинобар табдилёбӣ ба ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) аз Феҳрист хориҷ карда шуда, мувофиқан як ТҚҒ нав ба он дохил карда шуд. Аз ҷумла, дар Феҳрист тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №151 оиди додани иҷозатнома ба ҶДММ ТҚҒ "Васл" барои анҷом

додани амалиёти бонкӣ, ба ҶДММ ТҚҒ “Васл” аз санаи 24 январи соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина таҳти №067 дода шуда, он ба Феҳрист дохил карда шуд. Вобаста ба ин, тасдиқномаҳои ҶДММ ТАҚХ “Васл” бинобар табдилёбӣ ба ҶДММ ТҚҒ “Васл” аз эътибор соқит дониста шуд;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2022, №141 оиди додани иҷозатнома ба ҶСП ТАҚХ “Шукр Молия” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶСП ТАҚХ “Шукр Молия” аз санаи 23 январи соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина таҳти №066 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2022, №140 оиди додани иҷозатнома ба ҶДММ ТАҚХ “Эмин Сармоя” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба ҶДММ ТАҚХ “Эмин Сармоя” аз санаи 08 феврали соли 2023 Тасдиқномаи узвият дар Хазина таҳти №068 дода шуда, он ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд.

***Пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.*** Дар семоҳаи якуми соли 2023 ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, раванди афзоиши назаррас дошт. Раванди мазкур асосан бо омили вазъи муътадили макроиқтисодӣ ва фаъолнокии иқтисодиёт, устувории қурби пули миллӣ, афзоиши ҷолибнокӣ ва фоизи миёнавазни пасандозҳои мухлатнок, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва тадриҷан баланд гардидани эътимоди аҳолӣ ба он алоқаманд буд.

Аз ҷумла, ба ҳолати 31 марти соли 2023 ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ 5 404,8 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба аввали сол 18,3 фоиз зиёд мебошад. Шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда бошад 1 545,7 ҳаз. нафарро ташкил дода, ба андозаи 28,1 фоиз афзуд. Дар муқоиса ба 31 марти соли 2022 афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва шумораи пасандоздорон назаррас буда, он мувофиқан 1,6 ва 1,9 маротибаро ташкил дод.

Аз рӯи сохтори асъорӣ пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ бо пули миллӣ 59,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 40,4 фоизро ташкил дод (нишондиҳандаҳои мазкур дар ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан бо пули миллӣ 58,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 41,4 фоизро ташкил медод). Ҳамзамон, аз шумораи умумии пасандоздорон маблағи 95,1 фоизи пасандоздорон бо пули миллӣ ва 4,9 фоизи боқимондаи онҳо бо асъори хориҷӣ мебошад.

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ (млн. сомонӣ)




Шумораи пасандоздорони суғурташуда (ҳаз. нафар)



Сохтори асъории пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ (бо фоиз)




Бояд қайд намуд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст. Бо назардошти он, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023“ андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 1 январи соли 2023 ба андозаи 68 сомонӣ муқаррар карда шуд, дар семоҳаи якуми соли 2023 андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ маблағи 34 000 сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 23 800 сомониро ташкил дод.

Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (сомонӣ)




Андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ (ҳаз. сомонӣ)



Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда маблағи 98,6 фоизи пасандоздорон дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, 1,4 фоизи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман ҷуброн карда мешавад.




Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шудани 98,6 фоизи пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Вобаста ба афзоиши назарраси суратҳисобҳои пасандозӣ ва афзудани андозаи ҷубронпулии суғурта, ҳаҷми умумии уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи пасандозҳои суғурташуда низ дар семоҳаи якуми соли 2023 нисбатан зиёд гардид. Аз ҷумла, ба санаи 31 марти соли 2023 уҳдадориҳои умумии суғуртавии Хазина маблағи 2 119,6 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи қаблӣ 5,4 фоиз ва ҳамин давраи соли гузашта 51,6 фоиз зиёд мебошад.

Уҳдадории суғуртавии Хазина ва афзоиши он (млн. сомонӣ ва бо фоиз)



***Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда.*** Дар семоҳаи якуми соли 2023 дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад.

Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар солҳои 2016-2022 (адад)

| Ташкилоти қарзии барҳамхӯрда | Ба ҳолати 31.12.2022 | Ба ҳолати 31.03.2023 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **18** | **18** | **0** |

Дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ пасандоздорон ва намояндагони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” оид ба тамдиди муҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” бо ариза ба Хазина муроҷиат карданд, ки вобаста ба ин аз тарафи Хазина ба 22 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 380,3 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд.

Дар маҷмуъ, аз соли 2016 то санаи 31.03.2023 сол Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи 211,5 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст.

***Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина***. Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, раванди мунтазам афзоиши дороиҳои Хазина ба назар расид. Ба ҳолати 31 марти соли 2023 дороиҳои Хазина маблағи 169,7 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 23,1 млн. сомонӣ ё худ 15,8 фоиз зиёд мебошад.

Зиёдшавии дороиҳои Хазина асосан аз ҳисоби афзоиши пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина дар натиҷаи зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина барои семоҳаи якум маблағи 8,9 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 46,5 фоиз зиёд мебошад.

Яке аз манбаҳои дигари ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити имкониятҳои мавҷудаи бозори коғазҳои қиматнок Хазина дар давоми соли 2022 маблағҳои озоди худро танҳо ба коғазҳои қиматноки давлатӣ бо меъёри фоизи то андозае паст сармоягузорӣ намуд. Аз ҷумла, Хазина дар ду музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоизи даромаднокии 0,99 фоизи солона ғолиб омад. Даромади Хазина аз ҳисоби коғазҳои қиматнок дар ин давра 249,6 ҳаз. сомониро ташкил дод.

Андозаи ниҳоии маблағи Хазина бошад, ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, дар интиҳои давраи баррасишаванда 2,0 фоизро ташкил дод. Тибқи қонун андозаи ниҳоии маблағи Хазина дар ҳаҷми 7,0 фоизи ҳамаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда шудааст.

Суръати афзоиши дороиҳои Хазина (бо фоиз)




Андозаи ниҳоии маблағи Хазина (бо фоиз)




***Фаъолияти ташвиқот ва робита бо ҷомеа.*** Таблиғот ва ташвиқоти аҳолӣ оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз вазифаҳои асосии Хазина ба ҳисоб меравад.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, телеграм) маводҳои иттилоотию таҳлилӣ, эълонҳо ва ахборотҳо мунтазам нашр карда шуданд. Инчунин, вобаста ба вуқуъ омадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҷиҳати сари вақт хабардор намудани пасандоздорон оид ба раванди

пардохти ҷубронпулӣ маълумоти дахлдор дар телевизион, маҷаллаҳои даврӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи Хазина ҷойгир карда шуданд.

Дар самти қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар семоҳаи якуми соли 2023 ба Хазина дар маҷмуъ 26 адад арзу муроҷиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумла пасандоздорон ва намояндагони онҳо дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ва электронӣ ворид гардиданд. Мазмуну мухтавои қариб ҳамаи муроҷиатҳои ба Хазина воридшуда бо масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои бархамдодашуда, бахусус ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк" вобастагӣ доштанд, ки аз ҷониби Хазина ба дархостҳои муроҷиатҳои шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал дода шуд.

***Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ***. Хазина дар соли 2022 ҳамкориҳои судмандро бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бахусус дар доираи Лоиҳаи нави "Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ" идома дод. Бояд қайд кард, ки лоиҳаи мазкур бо мақсади дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани ислоҳот дар самти таҳкими устувории низоми молиявӣ ва рушди бахши хусусӣ равона гардида, яке аз компонентҳои он бевосита бо тақвияти заминаи молиявию институтсионалии Хазина алоқаманд мебошад.

Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуда, он дар рӯзномаи расмии кишвар "Ҷумҳурият" санаи 24 марти соли 2023 ба нашр расонида шуд.

Қонуни мазкур пас аз 3 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина бо иштироки мутахассисони ҷалбнамудаи Бонки ҷаҳонӣ дар доираи иҷрои Матритсаи чораҳои сиёсии «Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ»-и Бонки осиёии рушд таҳия гардид. Тағйиру иловаҳои пешбинишуда бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо, васеъ намудани миқёси фарогирии суғуртавии пасандоздорон, таҳкими устувории молиявии Хазина ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардидаанд.

Мутобиқи тағйиру иловаҳои воридгардида доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, минбаъд дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғуртакунӣ фаро гирифта мешаванд. Бинобар ин, номи қонуни амалкунанда дар таҳрири нав — «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» муайян карда шуда, Хазина низ ҳамчун "Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" номгузорӣ карда шудааст. Бо мақсади дар қонунҳои алоҳида ба назар гирифтани номи ивазшавандаи қонун ва Хазина, тағйирот ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Мутобиқи тағйиру иловаҳои ба Қонун воридшуда андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ новобаста аз намуди асъор ба таври равшану возеҳ дар як андозаи мушаххас, яъне на бештар аз 35000 сомонӣ муқаррар карда шудааст. Мухлати оғоз гардидани пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон бошад на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муайян гардид.

Дар назар аст, ки бо қабули Қонуни мазкур фаъолияти Хазина ҷанбаҳои хуби таҷрибаи байналмилалиро фаро гирифта, дастгирии молиявии пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ бо афзудани ҷуброни суғурта ва бо фарогирии шахсони воқеӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ беҳтар ва самарабахш гардида, ҷиҳати бештар ва устувор гардидани боварӣ ва афзоиши амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, Хазина айни ҳол маҷмӯи чорабиниҳоро ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ва таҷдиди назар намудани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ, баҳисобгирии пардохтпулиҳо, таҳлилу арзёбии сохтори пасандозҳо, инчунин раванди корҳои фаҳмондадиҳиро ба ташкилотҳои қарзӣ андешида истодааст.